**Хулосаи умумии**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Самадов Миршод Самадович дар мавзуи «Асосҳои педагогии ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04-назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод мешавад**

Ба аҳли фарҳангу маърифати Ҷумҳурии Тоҷикистон, чун оина равшану маълум аст, ки дар солҳои соҳибистиқлол гардидани ҷумҳуриамон, бахусус, аз ибтидои роҳбарии халқу давлати ҷумҳуриамонро ба зимма гирифтани Эмомалӣ Раҳмон, ки имрӯз на танҳо дар кишвари азизамон, балки дар миқёси ҷаҳон ба ҳайси Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат ва, зиёда аз ин, ба унвони Пешвои тоҷикони ҷаҳон шинохта шудаанд, дар кулли сохтор ва равандҳое, ки барои халқу Ватанамон миҳиммияти арзишманд доранд, таҳти роҳбарӣ ва кордонии хирадмандонаву дурандешии он кас қарор дошта, рӯ ба рушду нумуъ мебошанд. Аммо бояд эътироф намуд, ки дар ин ҷабҳа аз ҳама бештар ба соҳаи маориф, ҳамчун соҳаи афзалиятноки халқу давлатамон, эътибори хосса зоҳир карда мешавад, ки дар сохтори он яке аз масъалаҳои ҳалталабу ҳаётан муҳим рушду нумуи тарзи ҳаёти солим ва тарбияи ҷисмонии шаҳрвандон, махсусан, ҷавонон, чи дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва чи дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ маҳсуб ёфта, дар ин ҷабҳа аз тарафи Ҳукумати Тоҷикистон, вале маҳз таҳти ташаббусҳои бевоситаи Президентамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эътибори хосса зоҳир карда мешавад. Бахусус, дар тӯли солҳои ба истиқлолияти кул ноил гардидани кишварамон бобати баланд бардоштани руҳия ва шавқу ҳаваси наврасону ҷавонон дар иртибот ба баъзе аз соҳаҳои варзиш ироа гардидани Ҷоиза ва ҷомҳои Президентӣ, аз ҷумла, соли 2015 Ҷоизаи Президенти Тоҷикистон барои ғолибон ва ҷоизагирандагони мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ, Ҷомҳои

Президенти Тоҷикистон соли 2005 оид ба теннис, соли 2013 оид ба гӯштини дюзо ва соли 2019 оид ба бозии шохмот – ин ҳама гувоҳӣ аз он медиҳад, ки чунин қазия, яъне масъалаи рушди варзиш, дар ҷумҳурии мо зери назорати ҳамешагии давлат, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воқеан ҳам, таҳти назорати бевоситаи Президентамон қарор доштааст.

Аммо рушду нумуи кулли масоили ба варзиш иртиботдошта дар ҷумҳуриамон танҳо тавассути таъсис додани ин гуна ҷоизаҳову васоити ҳавасмандкунандаи наврасону ҷавонон наметавонад, ҳаллу фасли худро ёбад. Аз ин лиҳоз, лозим аст, ки дар ин бобат ба ду пойдевор ё худ ҷанбаҳои аввалиндараҷаи рушди варзиш, ки яке наврасон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва дигаре ҷавонон дар факултетҳои тарбияи ҷисмонии муассисаҳои таҳсилоти олӣ, маҳсуб меёбанд, диққати ҳаматарафа дода шавад. Ҷунки маҳз ҳамин маркази омадасозии наврасону ҷавонон ба тарзи ҳаёти солим ва рушду нумуи варзиши фарогири умум, тавассути аз тарафи Ҳукумати Тоҷикистон дастгири ёфтан ва, албатта, зери назорати доимии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта шуданашон қодиранд, ки имрӯз ва минбаъд, пеш аз ҳама, воситаи ба таври умум рӯ овардани аҳолӣ ба варзиш гарданд, то ки тарзи ҳаёти солим барояшон эҳдо шавад. Зиёда аз ин, ин ду самти варзиш, қодиранд, ки наврасону ҷавононро дар иртибот ба соҳаҳои гуногуни варзишӣ ҳаматарафа ба камол расонанд, то ки онҳо на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар миқёси озмунҳои байналмилалӣ ширкат варзида, дар арсаи байналхалқӣ ҳам номбардори халқу давлати худ гарданд.

Вале бояд афзуд, ки дар ин ҷода асоси меҳварӣ факултетҳои тарбияи ҷимонии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ махсуб миёнбанду маҳз ҳамин факултетҳо барои мактабҳои миёнаи умумии ҷумҳуриамон донишҷӯёнро ба ҳайсии омӯзгорони ояндаи фанни «Тарбияи ҷимонӣ» омода месозанд. Аммо, тибқи баъзе пажӯҳишоти педогогҳову психологҳо, ки дар ин ҷода анҷом дода шудааст, коршиносони соҳаро ба

хулоса овардааст, ки, махсусан, масъалаи сифатан омада намудани омӯзгорони ояндаи фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» дар донишгоҳҳо алҳол нигарон ба таҷдиди назар кардан мебошад. Ва маҳз ба ҳамин сабаб унвонҷӯ Самадов Миршод Самадович мавзуи таҳқиқотии худро таҳти унвони, **«Асосҳои педагогии ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷимонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ»** интиҳоб намуда, дар ин ҷода тайи панҷ сол (2016-2021) мунтазам ва ба таври самаранок вориди таҳқиқот гардида, ниҳоят, натиҷаи пажӯҳиши худро дар қолаби як рисолаи мукаммалу анҷомёфта барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба муҳокимаи мутахассисони соҳа пешниҳод намудааст.

Рисолаи Самадов Д.С. дар воқеъ, чунон ки дар боло таъкид намуда будем, ба яке аз масъалаҳои мубрами имрӯзаи соҳаи маорифи Тоҷикистон, ки рушду нуму ва, ҳамзамон, сифатҳои омодасозии омӯзгорони ояндаи фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» маҳсуб меёбад, ироа гардидааст. Дар вақеъ, аз тарафи мутахассисони соҳа дастгирӣ ёфтани мазмуну муҳтаво ва хулосаву пешниҳодоти ӯ, ки дар асоси озмоишҳои педагогӣ (муқарраркунӣ, ташаккулкунанда ё ҳуд таълимии)-и дар заминаи факлтетҳои тарбияи ҷисмонии муассисаҳои таҳсилоти олӣ касбӣ (ДДҲ ва ДОТ дар шаҳри Панҷакент) таъсисдодааш ба даст омадаанд, ҳамчунин, роҳандозӣ гардидани он ҳама метавонад, дар ояндаи наздик боиси сифатҳои рушд ва омодосозии омӯзгорони варзидаи фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» барои тамоми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии кишварамон гардад.

Дар маҷмуъ, рисолаи унвонҷӯ Самадов М.С. дар доираи муқаддима, ду боб, хулосаи умумӣ, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замима ба субут расонида шуда, дар интихои он номгӯи мақолаҳои дар интишороти гуногун ба чоп расонидааш пешниҳод гардидааст

Диссертант Самадов М.С. дар муқаддима, ки дар асл, пойгоҳи илмии кор маҳсуб меёбад, дар доираи таҳлили мухтасари як идда қарору қонунҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми

Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳиммияти таҳқиқот, дараҷаи омӯхташ шудан, мақсад ва предмети таҳқиқот, инчунин, нуктаҳои асосии фарзия вазифаҳои таҳқиқот, навгониҳои илмӣву аҳаммияти назариявӣ ва амалии он, ниҳоят, эътимоднокии ҳамин таҳқиқоти инҷомёфтаро дар иртибот ба озмоишҳои гуногун ва мавзуҳои дар кафедра ва семинару конференсияҳои гуногун баррасӣ шуданаш бо тартиби муқарраркардаи КОА- Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст.

Боби аввали диссертатсияи Самадов Д. С. таҳти унвони **«Асосҳои илмӣ ва назариявии ташаккули омодагии сифатҳои омӯзгори оянда ба таълими фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» дар муҳити таълими муассисаҳои олӣ»** баррасӣ шудааст, ки муҳтавои он дар се фасли ҳамин боб инъикос гардидаасту дар ин ҳар се фасл ӯ (муҳаққиқ) моҳият, аз ҷумла, дар фасли аввал мундариҷа ва сохтори фаъолияти касбии омӯзгори оянда ба таълими фанни «Тарбияи ҷисмонӣ»-ро дар заминаи омӯзиш ва таҳлили дараҷаи таҳқиқи мавзуи рисола дар адабиёти педагогӣ ва психологӣ муайян карда, дар доираи мафҳуми омодагии омӯзгори оянда ба таълими тарбияи ҷисмонӣ шахсиятеро муаррифӣ намудааст, ки бояд дорои низоми гуногуни муташаккил ва ё фарогири ҷузъҳои таркибии зерин: аз қабили маромӣ–арзишӣ, эмотсионалӣ-иродавӣ мазмунӣ-амалиётӣ ва эҷодиву арзёбӣ бошад.

Дар фасли дувуми боби мазкур, ки ба он **«Шароитҳои ташкилию педагогии ташаккули сифтаҳои омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни «Тарбияи ҷисмонӣ»»** унвон гузошта шудааст, диссертант дар чунин ақида аст, ки бобати рушд ёфтани сифатҳои омодагии омӯзгори ояндндаи фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» муҳайё намудани шароитҳои гуногун: аз қабили аниқ намудани сохтор ва мундариҷаи тайёрии касбӣ, системаи рейтингӣ барои арзёбии донишу маҳорату малака, ҳамгиро кардани мунариҷаи фанҳои гуногуни таълим; худбаҳодиҳии донишҷӯ дар фаъолияти таълимӣ, илмию варзишӣ ва ташвиқи ӯ ба кори бошууронаву мақсаднок ва фароҳам овардани шароит бобати ҳавасмандгардонии донишҷӯён бобати мустақилона интихоб намудани

вариантҳои ҳалли масъалаҳои касбӣ дар системаи назорати рейтингӣ ва ғайра зарурияти маҳс дониста мешавад.

Фасли севуми боби як 1 таҳти унвони «**Амсила** (модел) **ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни «Тарбияи ҷисмонӣ»** дар мактабҳои олӣ» баррасӣ гардидааст, ки дар он амсила ва технологияи татбиқи он, ки аз тарафи диссертант таҳияи карда шудааст, фарогири сохтори функсианалии омодагии омӯзгори фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» мебошад, ки роҳандозӣ гардидани онҳо дар ҷодаи ташаккули омодагиии омӯзгориояндаи тарбияи ҷисмонӣ, ҳамчун усули инфиродӣ дар фаъолияти касбии ӯ маҳсуб хоҳад ёфт.

Боби дуюми кор - (**«Таҳқиқоти таҷрибавӣ ва натиҷаҳои ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» »** )- , ки муҳтавои он дар чаҳор фасл пешниҳод гардидааст, дар асл, фарогири шарҳу эзоҳи методҳои дар раванди таҳқиқот баррасишаванда буда, дар барнома ё худ технологияи корҳои таҷрибавӣ – озмоишии мураттабкардаи диссертант низ инъикоси худро ёфта, ҳамзамон, татбиқшавии он (барнома) дар доираи факултетҳои тарбияи ҷисмонии ДДХ ва ДОТ дар шаҳри Панҷакент аз санҷиш гузаронида шудаанд. Бахусус, дар фасли дувуми ҳамин боби II, ки таҳти унвони **«Натиҷаҳои озмоиши муқарраркунанда ва хулосабарорӣ аз он»** пешниҳод шудааст, сараввал, диссертант дар доираи иштироки 180 нафар омодагии ибтидоии донишҷуёнро, тибқи талаботи барномаи давлатӣ ва, албатта, дар иртибот бо сатҳҳои гуногуни иҷрои вазифаҳои касбиашон ба ҳайси омӯзгориояндаи фанни «Тарбияи ҷисмонӣ», муайяну муқаррар нумудааст, ки натиҷаҳои он ҳама дар кор мушахассан дар 7 ҷадвал (дар ҷадвалҳои 7,8,9,10,11,12,13) аз тариқи ҳисоби омори низ баррасӣ гардидаанд.

Аммо озмоиши ташаккулдиҳанда, ки дар доираи ҳам барономаи фаннӣ «Назария ва методикаи таълими Тарбияи ҷисмонӣ» ва, асосан, дар заминаи барномаи (технология) –и ташаккули омодагии донишҷӯён ба таълими фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» таҳиякардаи диссертант бо

ширкати коршиносони соҳа таъсис дода мешуд, се марҳиларо: **марҳилаи назариявӣ** ва **амалӣ, таҳқиқотӣ ва таълимию касбиро** фарогир буда, бояд натиҷаи татбиқи ҳар яки онҳо (марҳилаҳо) омодагии донишҷӯнро ба касби омӯзгор оянда дар доираи чаҳор сатҳ: **эҷодӣ, баланд, пас, миёна** намоиш медод, ки дар раванди таҷлили он иҷрои чандин вазифаҳои дигар низ дар мадди назар будааст.

Хушбахтона, натиҷаҳои озмоиши ташаккулдиҳандаи диссертантро мантиқан ба хулоса овардааст: Барнома (технология ) –и омодакардаи ӯ, воқеан ҳам, қодир будааст, ки ба таври системанок омодагии донишҷӯёнро, ҳамчун омӯзгор, ба таълими фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» дар иртибот ба мундариҷаи таълим, технологияи педагогӣ, бо фароҳам овардани шароити мусоид дар раванди таълим ва ғайра ҳаматарафа таъмин менамояд.

Хусусан, фасли чоҳоруми боби мазкур, яъне боби дувум, ки он таҳти унвони «Динамикаи ҷузъҳои омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» тибқи натиҷаҳои озмоиши ташаккулдиҳанда дар мактаби олӣ» ироа шудааст, дараҷаи инкишофи ҷузъҳои омодагии ду гурӯҳи донишҷӯён таҳти номҳои **гурӯҳи озмоишӣ** ва **гурӯҳи назоратӣ** дар иртибот ба сатҳои гуногуни омодагии донишҷӯён ба ҳайси омӯзгори фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» назарсанҷӣ карда шудааст, ки натиҷаҳои он дар 12 ҷадвал аз тариқи оморӣ низ баррасӣ шудаанд. Бахусус, ҷараёни эксперементи мазкур маълум намудааст, ки бобати амалисозиву намоишдиҳии қобилиятҳои омодагии инфиродӣ дар рафтори гурӯҳҳои озмоиши як идда тағйирот ва сифатҳои нав: аз қабили сифтаҳои иродавӣ, маҳорату малака, муқоисаи арзёбии хурд бо арзёбии рафиқон ва экспертҳо, худтаҳлилнамоӣ ва худбаҳодиҳӣ ташккул ёфтаанд, ки ин ҳама дар маҷмуъ фарогири ҳадафҳо ё худ мақсади ниҳоии диссертант Самадов М.С. мебошад, ки аз унвони диссертатсияи баррасикардаи ӯ низ бармеоянд.

Ҳамин тавр, кори таҳқиқотии М.С Самадовро ман, ҳамчун роҳбари илмӣ, анҷомёфта, ба қалам дода, боварӣ ба он дорам, ки ин

таҳқиқот ҷавобгӯи талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷуҳурии Тоҷикистон ва худи ӯ, ҳамчун таҳқиқотгар, шоистаи сазовор шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.000.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

* * *

Ҳамчунин, дар хотима зарур меҳисобам, ки дар иртибот ба сифатҳои шахсии унвонҷӯ Самадов Миршод Самадович чанд нуктаро иброз дорам. Чунончи:

Ӯ ҷавони 29 - сола буда, варзишгар асту дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент ба ҳайси омӯзгори калони факултети табиатшиносӣ ва тарбияи ҷисмонӣ фаъолият мекунад. Ҳамчун варзишгар, дорои қобилиятҳои волои ҳунариву ҷисмонӣ буда, бахусус, дар ду намуди варзиш: яке пауэрлифтинг ё худ вазнбардории сеҳарбаи муосир ва дигаре оид ба батут ва акрабатикаи варзишӣ қобилиятҳои худро ҳамеша сайқал дода, аз ҷумла, дар намуди пауэрлифтинг солҳои 2016,2019,2020 дар мусобиқаҳо ширкат варзида, ҳар маротиба ба гирифтани унвони "Чемиони вилояти Суғд", солҳои 2017, 2018, 2020 ва 2021 ба гирифтани ҷойҳои фахрӣ ва соли 2019 ба унвони чемпиони Ҷумҳурии Тоҷикистон ноил гардидаасту ба ӯ соли 2019 аз тарафи Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши вилояти Суғд унвони "Номзади устоди варзиш" оид ба намуди пауэрлифтинг дода шудааст. Соли 2021 дар чемпионати ҶТ дар намуди батут ва акрабатикаи варзишӣ иштирок карда ба гирифтани унвони "Устоди варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон" шарафёб гардидааст. Моҳи декабри соли 2022 дар чемпионати ҷаҳон, ки дар шаҳри Суздали ФР доир ба намуди пауэрлифтинг барузор гардид, Самадов Миршод иштирок карда, бо гирифтани 2 медали тилло ва 1 нукра шарафёб гардида, ҳамзамон, ба унвони "Чемпиони ҷаҳон" оид ба ин намуди варзиш шарафёб гардидааст.

Инчунин, мебояд таъкид намуд, ки аксари шогирдони ба ин ё он соҳаи варзиш омодакардаи унвонҷӯ Самадов Миршод Самадович дорои маҳорати баланди варзишӣ буда, аз ҷумла, 4-нафарашон ба унвонӣ Чемпиони ҷаҳон (Бердимуратов Ойбек, Назарова Моҳира, Сатторов Абдусаттор ва Абдуллоев Ш.) ва зиёда аз 10-нафар шогирдонаш чемпион ва ҷоизадорони ҶТ гардидаанд. Мебояд таъкид сохт, ки як шогирди ӯ Бердимуратов О. рекордсмен ва борҳо чемпиони мутлақи ҶТ гардидааст.

Инак, аз ин ҳама гузоришоти дар фивқ ироагардида бармеояд, ки Самадов М.С. шахсияти басо ташаккулёфта, пеш аз ҳама, дар ҷодаи самтҳои гуногуни варзишӣ маҳсуб ёфта, дар ин радиф дар ӯ қобилияти шуғл варзидан ба корҳои илмӣ–педагогӣ низ рушд кардааст, ки дисертатсияи таълифнамудааш аз чунин сифатҳои ӯ гувоҳӣ медиҳад.

Дисертант Самадов М.С. шахси хоксору оромтабиат ва меҳнатдӯсту донандаи нозукиҳои касби худ буда, бо чунин хусусиятҳояш дар байни колективи омӯзгорону донишҷӯёни Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент обрӯву эътибори хоссаро сазовор гардида, аз тарафи донишкада ва раиси шаҳри Панҷакент борҳо бо сипосномаҳо ва соли 2022 аз тарафи Вазорати маориф ва илми ҶТ бо нишони "Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикитон" қадр карда шудааст. Ин аст, ки маъмурияти донишкадаи мазкур аз оғози соли таҳсили 2022-2023 ба уҳдаи ӯ бо боварии том вазифаи мудири кафедраи тарбияи ҷисмониро низ вогузор намудааст.

Роҳбари илмӣ, узви вобастаи
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон,
доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи методикаи
таълими Донишкадаи давлатии
забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Шербоев С.

Суроға: 734019 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, куч. Муҳаммадиев – 17/6
тел: +992 372 32 50 00
E/mail: info@ddzt/tj

Имзои профессор С. Шербоевро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсти кадрҳо ва корҳои махсуси ДДЗТ
ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б.Ғ.

ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН ба номи СОТИМ УЛУҒЗОДА
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

08.12.2022с